# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Ҳакимзода Файзали Исматулло дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст.**

Яке аз мушкилоти ҷиддие, ки ҳангоми тарҷума кардани як забон ба дигар забон пеш меояд, ин дуруст шинохта шудан ё худ ташхиси дуруст дарёфт накардани сохтори ҷумла ва ҳам дар натиҷаи нодуруст фаҳмидани маънии он ба шумор меравад.

Воқеан, дар аксари мавридҳо дарки мантиқи фикр ва муайян намудани маънои асосии мазмуни ҷумла мушкилӣ пеш меорад ва аз ин сабаб онҳо бо забони худ ҷумлаи дурустеро эҷод карда наметавонанд ва дар натиҷа мазмуни он пурра ва бенуқсон ифода намегардад.

Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаи Ҳакимзода Ф.И. ба омӯзиши хусусиятҳои ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ-англисӣ бахшида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар байни масъалаҳои то ҳол ба таҳқиқотҳои илмии минбаъда ниёздошта, ҷойи муҳимро масъалаи омӯзиш ва таҳлили ҷумлаи пайрави пуркунанда ҳамчун воҳиди махсуси синтаксис ишғол менамояд. Омӯзиши хусусиятҳои ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба мақсад мувофиқ буда, хуб донистани хусусиятҳои шаклию маъноии сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ба дарку истифодаи дурусти ҷумлаҳо ва сифати тарҷумаи онҳо мусоидат менамояд. Маҳз ҳамин масъалаҳо мубрамӣ ва воқеияти таҳқиқоти мазкурро ба миён овардааст.

Муаллифи диссертатсия пеши худ мақсад гузоштааст, ки паҳлуҳои асосии ҷумлаҳои пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро мавриди баррасӣ қарор диҳад. Инчунин, масъалаи марбута бар пояи осори мондагори “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ бо мисолҳои муътамад мавриди таҳқиқ ва муқоиса қарор дода шудааст.

Инчунин, қайд кардан зарур аст, ки ба асосҳои назариявию методологии диссертатсия таҳқиқотҳои бунёдии олимони шинохта пеш аз ҳама олими барҷастаи рус В.В. Виноградов, як қатор олимони тоҷик ба монанди Д. Тоҷиев, М. Қосимова, Ш. Рустамов, С. Атобуллоев, Ф.Қ. Зикриёев, П. Ҷамшедов, К. Умонов, С. Ҷоматов, Н. Раҳмонова ва дигарон хизмат намудаанд, ки хулосаҳои назариявӣ ва амалии корро тақвият медиҳад.

Навгонии илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар он муайян шудааст, ки асосан сухан аз боби хусусиятҳои типологии сохториву маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда таҳқиқот рафта, мавриди таҳлилу муқоиса қарор мегирад.

Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 2 боб, хулоса, замимаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 173 саҳифаи ҳуруфи компютерӣ иборат мебошад. Дар ҳар як боб ва зербобҳо вазифаҳои асосии мавзуи мазкур якдигарро пурра гардонида, диссертатсияро мукаммал гардонидааст.

Дар муқаддима диссертант мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, навгонии илмӣ ва арзиши амалии корро асоснок кардааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян сохта, муаллиф заминаи сарчашмаро тавсиф намуда, аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муайян кардааст.

Дар боби аввал, ки “Асосҳои назариявии таҳқиқи ҷумлаҳои пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” номгузорӣ шудааст, аз чор зербоб иборат аст. Дар боби мазкур масъалаҳои назарии ҷумлаҳои пайрави пуркунанда дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ зери омӯзиш қарор дошта, таҳлил карда мешаванд. Муаллиф қайд менамояд, ки ҷумлаҳои пайрави пуркунанда дар ҳар ду забони омӯхташаванда як ҷузъи таркибии ҷумлаи мураккаби тобеъ аст. Муаллиф чунин қайд менамояд, ки дар забони англисии муосир ҷумлаи пайрави пуркунанда тавассути пайвандаки “that” ифода мeёбад ва муодили тоҷикии он “ки” мебошад. Дар ин боб инчунин сухан дар бораи таҳлили муқоисавии

ҷумлаҳои пайрав дар забонҳои гуногунсохтор сухан меравад, ки ифодакунандаи мафкураи ягона ва гуногун мебошанд. Ба ақидаи диссертант роҷеъ ба ҷумлаҳои пайрав дар таҳқиқоти забоншиносӣ назарияҳои мухталиф мавҷуданд, аз ин рӯ, ӯ пеш аз ҳама ба ҳамин масъала таваҷҷуҳ намудааст. Ба андешаи муаллифи диссертатсия, ҷумлаҳои пайрав дар ҳар ду забон як ҷузъи таркибии ҷумлаи мураккаби тобеъ буда, барои тафсил ва муайян намудани сарҷумла нақши асосӣ мебозанд. Инчунин, муаллиф қайд менамояд, ки ҷумлаҳои пайрави пуркунандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз рӯйи вазифаи сарҷумла ба ду навъ корбаст мешаванд.

Дар раванди таҳқиқоти таҳлилӣ, муаллиф оид ба сарчашмаҳо ва сабабҳои пайдоиши мафҳуми “ҷумла” бо омӯхтани таҳқиқоти олимони ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ истода мегузарад ва шумораи зиёди сарчашмаҳое, ки ба он вобастагӣ доранд, истифода бурдааст.

Дар боби мазкур роҷеъ ба масъалаи ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои муқоисашаванда ба таври зайл мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Инчунин, муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки ҷумлаи пайрави пуркунанда дар дохили ҷумлаи мураккаби тобеъ барои ифодаи хабари сарҷумла омада, онро пурра иҷро менамояд. Ба ақидаи диссертант, нақш ва ҷойгоҳи ҷумлаи пайрави пуркунандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хело ҳам доманадор ва фарох мебошанд.

Боби дуюм “Хусусиятҳои типологии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” ном гирифта, он аз чор зербоб иборат аст.

Дар ин боб бештар ба таҳлили муқоисавӣ, сохторӣ-маъноӣ ҷумлаи пайрави пуркунанда, нақш ва ҷойгоҳи тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда ва вижагиҳои корбурди ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Диссертант дар раванди таҳлилҳо далелҳои бисёрро мисол овардааст.

Дар хулоса муаллиф дар ҳамаи самтҳои таҳқиқот ба таври кофӣ муфассал ва равшан натиҷабардорӣ кардааст. Дар ҳар банди хулосаи

диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқи мавзуъ асоснок ва боэътимод ҷамъбаст гардидаанд.

Арзиши назариявии кор бо таҳлил ва баёни назариявии хусусиятҳои умумӣ ва ба худ хоси қолабҳои сохторӣ-маъноӣ, муқоисавӣ ва инъикосшавандаи ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ алоқаманд мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун маводи шарҳдиҳанда ва илмӣ ҳангоми хониши курсҳои грамматика, луғатшиносӣ ва истилоҳшиносӣ, дар тайёр намудани маводи таълимӣ, луғат, таҷрибаомӯзӣ ёрӣ расонанд. Инчунин, онҳо барои тарҷумонони забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ манфиатнок буда метавонанд.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ тавассути 10 мақолаи илмӣ сурат гирифта, 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6-тои дигари он бошад, дар маҷмуаи конференсияи байналмилалӣ ва маҷмуаи конференсияи ҷумҳуриявӣ ва 1 воситаи таълимӣ ба чоп расондаи муаллифи диссертатсия мебошанд.

Барасмиятдарории диссераттсия дар умум ба талаботи КОА ҷавобгӯ буда, ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар қатори дастовардҳои илмӣ, дар кор баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Масалан, ба ақидаи мо аз оне, ки олимони зиёди дохиливу хориҷӣ оиди масъалаи ҷумлаи пайрави пуркунанда бисёр кор кордаанд, мубрамияти мавзуъро ташкил карда наметавонад.

2. Ба ақидаи мо хуб мешуд, агар зербоби 1.2. ва 1.3. ҷой иваз карда шаванд.

3. Дар диссертатсия муаллиф ба шумораи зиёди номгӯи сарчашмаҳои илмӣ нисбат ба ҷумлаи пайрави пуркунанда ишора кардааст, аммо на ҳамавақт дар меъёри зарурӣ фикру мулоҳизаҳои танқидӣ мегузаронад.

4. Баъзе иқтибосҳои дар диссертатсия овардашуда бо сабабҳои техникӣ ба рӯйхати адабиёт мувофиқат намекунанд ва ё аз назари муҳаққиқ дур мондаанд.

5. Дар матни автореферат низ нуқсонҳои таҳририву техникӣ ба назар мерасанд.

Дар умум, бояд қайд намуд, ки диссертант кори бузург ва душворро ба ҷо овардааст ва диссертатсия барои тақиқотҳои оянда дар чорчӯбаи забоншиносии муқоисавӣ имкониятҳои навро пешниҳод мекунад. Камбудиҳои ишорашуда арзиши илмии таҳқиқотро паст намекунанд, балки онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки диссертатсияи Ҳакимзода Файзали Исматулло дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷии факултети
дипломатия ва сиёсати Академияи
идоракунии давлатии назди
ПрезидентиҶумҳурииТоҷикистон Азизова Мастона Ҳамидовна

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Тел: (+992) 92-888-32-32
e-mail: mastonakhon_12@mail.ru

Имзои Азизова М. Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Фаромуз Зоирхон

«19» феврали с. 2025.